# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Назаров Тоҳирҷон Холмуминович дар мавзӯи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ)

Рисолаи унвонҷӯй Назаров Тоҳирҷон Холмуминович ба самти муҳим ва муосири илми педагогикаи ватанӣ – ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорони ояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Қобили зикр аст, ки принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба ҷуз масъалаҳои гуногуни давру замон бо ҷанбаҳои тарбияи экологӣ иртиботи қавӣ дошта, ташаккули маҳорату малакаи омӯзгорони ояндаи биологияро доир ба таълиму тарбияи экологии хонандагон ва ҳифзи муҳити атроф муҳим ва зарур мешуморад.

Муаллифи рисола бо дарназардошти асосхои методологӣ-бунёдӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқот баррасии кулли масоили пайванди мавзуи интихобшударо мавриди ҳаллу фасли ҷиддӣ қарор додааст. Аз нигоҳи рисолатомези муаллиф таҳқиқи асосҳои педагогии омодасозии касбӣ-экологии омӯзгорони ояндаи биология, натиҷаҳои таҷрибавӣ-озмоишии амсилаи пешниҳодшуда ва роҳу равиши босамари дар раванди озмоиш собитёфта дар самти баланд бардоштани маърифати донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи фанни биология дар ташаккули фаъолияти касбӣ-экологии онҳо аз самтҳои муҳимми таҳқиқот маҳсуб меёбад.

Унвонҷӯй комилан дуруст мегӯяд, ки низом ва сохтори маърифати экологӣ, парвариши ҳисси майлу рағбат ва кӯшиши ҳифзи муҳити зист дар заминаи ташаккули салоҳиятнокии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи фанни биология аз самтҳои муҳимми тарбияи насли наврас буда, аҳамияти он дар ҷараёни таълим ва тарбияи фарҳанги экологии

хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ назаррас аст. Дар иртибот ба ин афкори консептуалӣ муаллифи рисола омилҳо ва принсипҳои мураттабсозии мазмуни таълим ва тарбияи экологии донишҷӯён-омӯзгорониояндаи биологияро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ мушаххас кардааст.

Ба андешаи мо рӯй овардани муаллифи рисола ба мавзуи мазкур аз чанд ҷиҳат қобили дастгирист. Қабл аз ҳама, дар ин самт мушкилот ва муаммоҳо зиёданд. Ба андешаи уновнҷӯй, монеаҳои асосие, ки ба ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорониояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон халал мерасонанд, инҳоянд:

– ба таври комил таҳқиқ нашудани консепсия, принсипҳо ва асосҳои педагогӣ-психологии ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорониояндаи биология;

– омилҳои муҳити хонавода, ки ба таълиму тарбияи экологии хонандагон на ҳамеша таъсири мусбӣ мерасонанд;

– ба низоми босифат ворид набудани муассисаҳои таҳсилоти касбии олии самти омӯзгорӣ дар ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорониояндаи биология.

Махсусан, омӯзгори фанни биология, ки дар баробари дорои салоҳияти хуби тахассусиву касбӣ будан, бояд намунаи волои фарҳанги муносибат бо олами табиат ва гирду атроф бошад.

Шиносоӣ бо диссертатсия собит месозад, ки маҳаки асосӣ ва қувваи пешбарандаи онро кӯшиши муаллиф дар самти натиҷагирӣ аз таҳлили консепсияи назариявӣ ва педагогии олимони ватаниву бурунмарзӣ, ки назария ва амалияи ташаккули салоҳияти экологии омӯзгорониояндаро баррасӣ намудаанд, ташкил мекунад.

Бо мақсади кӯмак расондан ба омӯзгорон дар доираи мафҳумҳои экологӣ, муҳити зист, тоза нигоҳ доштани манзилу макон, олами табиат, гирду атроф муаллиф андешаҳои мушаххаси хешро пешниҳод кардааст.

Аз ҷумла, аз ҷониби унвонҷӯй роҳҳои самарабахш ва принсипҳои дидактикии таълим ва ташаккули салоҳиятмандии экологии омӯзгорони ояндаи фанни биология коркард ва муқаррар гардидааст. Зикр бояд кард, ки чунин тарзи таҳқиқ ва пажуҳиш асоси тадқиқоти унвонҷӯйро бобати ташаккули салоҳияти экологии омӯзгори оянда фаро мегирад.

Унвонҷӯй ба дарёфти консепсия ва равиши илмӣ-педагогӣ аз манзари фарзияи асоснок муваффақ шудааст. Ба ақидаи муаллифи рисола ташаккули салоҳияти экологии омӯзгори оянда дар муассисаҳои таҳсилоти касбии олӣ ба шарте таъмин мегардад, ки агар модели рушд ва технологияи амалисозии он дар раванди омӯзиши фанни биология таҳқиқ ва ҳаллу фасл шуда бошад. Ҳамчунин меъёрҳо ва дараҷаҳои ташаккули салоҳиятмандии экологӣ, истифодаи роҳу усули босамар ва воситаҳои дидактикии фаъолмандии муҳассилин фаро гирифта шавад.

Шиносоӣ бо автореферати диссертатсияи Назаров Т.Х. собит кард, ки муаллифи рисола дар самти интихобкардаи хеш ба татбиқи фарзияву дастовардҳои назарраси илмӣ муваффақ шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои бадастома** дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шуд; тафтиши маводҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисола тасдиқи хешро ёфтааст.

Тавсияҳои педагогии пешниҳодшуда ҷиҳати маърифати экологии донишҷӯён-омӯзгорони ояндаи фанни биология ва ҷалби онҳо ба фаъолияти самарабахш дар самти ҳифзи муҳити атроф кумак хоҳад кард ва аҳамияти назарраси амалӣ дорад. Хулосаҳои назарӣ ва тавсияҳои амалӣ дар раванди омодашавии касбии омӯзгорони ояндаи фанни биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, низоми баланд

бардоштани сатҳи тахасссусии кадрҳои педагогӣ ёрӣ ва кумаки муассир хоханд расонд.

Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои зарурииро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллифи аз адабиёти илмии мавҷуда дар самти тадқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дошта, таҳқиқи масъалаи гузошташударо дар робита бо таҷрибаи пешқадами илми педагогикаи ватанӣ ва хориҷи кишвар ба риштаи таҳлил ва баррасӣ кашидааст.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Назаров Тоҳирҷон Холмуминович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02 – назария ва методикаи фанҳои табиӣ (таҳсилоти касбӣ) мебошад.

**Муқарриз**

Мудири шуъбаи омӯзиши фанҳои дақиқ ва табиатшиносии
Акаднмияи таҳсилоти Тоҷикистон,
номзади илмҳои химия **Орипов Абдулло Асоевич**

**Маълумот барои тамос:**
734025, Ҷумҳурии Точикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айни, 126.
Телефон: (+992) 90004600 (моб.).
E-mail: orifov-68 @ mail.ru

Имзои А.Ориповро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон М.Саидова

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ